# 34499 - Эътикоф дар ҳуҷрае дар дохили масҷид

## савол

Оё ҳуҷраи посбон ва ҳуҷраи кумитаи закот дар дохили масҷид барои эътикоф қобили қабул аст? Лутфан таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки дарҳои ин ҳуҷраҳо дар дохили масҷид мебошанд.

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Ҳуҷраҳое, ки дар дохили масҷид ҳастанд ва дарҳояшон ба масҷид кушода мешаванд, ҳукми масҷидро доранд. Бар асоси он, эътикоф дар он ҳуҷраҳо ҷоиз аст, зеро он ҳуҷраҳо бахше аз масҷид мебошанд.

Аммо агар биноӣ ҳуҷраҳо дар беруни масҷид бошад, пас эътикоф дар он ҳуҷраҳо дуруст намебошад, ҳатто агар ҳуҷра ба дохили масҷид даре дошта бошад.